## ТАҚРИЗ

**барои автореферати рисолаи Гадоев Маъруф Аҳмадович дар мавзӯи: "Хусусиятҳои клиникӣ-лабораторӣ ва такмили муолиҷаи беморони гирифтори сироятҳои бо роҳи алоқаи ҷинсӣ гузаранда дар якҷоягӣ бо сили шуш», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои тиб аз рӯи ихтисоси 14.01.10 – Бемориҳои пӯсту зуҳравӣ пешниҳод гаштааст.**

**Мубрамияти таҳқиқот**. Сироятҳои бо роҳи алоқаи ҷинсӣ гузаранда (СБРАҶГ) яке аз мушкилоти мубрами соҳаи тиб ба шумор меравaнд. Яке аз сабабҳое, ки боиси афзоиш ва паҳншавии СБРАҶГ мегарданд, ин бемориҳои ҳамроҳшуда мебшанд, ки ба норасоии масуният мерасонанд. Ба ин бемориҳо бемории сили шуш низ дохил мешавад. Бемории мазкур яке аз сироятҳои паҳншуда дар ҷаҳон, аз ҷумла дар Тоҷикистон маҳсуб ёфтааст, ки гирифторшавӣ ба ин бемори аз 12,5% дар соли 2010 то 20% дар соли 2017 афзоиш ёфтааст.

**Мақсади тадқиқот.** Беҳтаркунонии муолиҷаи сироятҳои бо роҳи алоқаи ҷинсӣ гузарандаи урогениталӣ дар беморони гирифтори сили шуш бо назардошти хусусиятҳои клиникӣ-лабораторӣ ва вайроншавиҳои масунӣ.

Муаллиф дар 135 нафар беморони СБРАҶГ бо сили шуш ва 90 нафар беморони сироятҳои урогениталии таҳқиқот гузаронидааст.

**Навгонии илмӣ.** Муаллиф бори аввал дар Тоҷикистон зуҳуроти клиникӣ ва лабораторӣи сироятҳои урогениталӣ дар беморони гирифтори сили шушро омӯхтааст. Исбот кард, ки сироятҳои урогениталӣ тавассути беморони гирифтори сили шуш дар синну соли репродуктивӣ нисбат ба беморони гирифтори СБРАҶГ бе сироятҳои ҳамроҳшудаи сили шуш 1,9 маротиба зиёдтар вомехуранд. Дар беморони сили шуш сироятҳои урогениталӣ дар 74,1% беморон ба шакли сироятҳои омехта во мехӯранд, ки дар 55%-и ҳолатҳо хламидиоз ва дар 85,2% ҷараёни музмин характернок доранд. Дар 46,9% мардони гирифтори сили шуш сироятҳои урогениталӣ

тавассути илтиҳоби ғадуди простата ва дар 38,9% занон тавассути салпингоофорит ба қайд гирифта шуд. Муайян кард, ки истифодаи Азитромитсин ва Тимогар дар якҷоягӣ бо муоличаи зиддисилии антибактериалӣ 1,7 маротиба фоидабахш аст.

**Аҳамияти амалӣ.** Ҳангоми пешбурди муоличаи беморони сили шуш бо СБРАҶГ бояд ба назар гирифт, ки онҳо дар синнусоли репродуктивӣ метавонанд ба шакли торпидӣ ҷараёнёбанда ва дар 55% ҳолатҳо онро сирояти хламидиавӣ намояндагӣ мекунад. Вобаста ба вайроншавиҳои ошкоршудаи системаи масуният дар ин беморон тавсия дода мешавад, ки дар баробари доруҳои зидди силӣ макролидҳо ва иммуномодуляторҳо таъйин карда шаванд, зеро самаранокии муолиҷа дар ин мавриди 1,7 маротиба беҳтар мешавад.

Шумораи кофии назорати клиникӣ, истифодаи технологияҳои ҳозиразамони ташхисӣ оид ба санҷишҳо, коркарди оморӣ нишон дурустии натиҷаҳои гирифташуда мебошад. Хулоса ва тавсияҳои амалӣ мазмуни рисолаи илмиро мушахас ва равшан инъикос мекунад.

Ҳамин тариқ, рисолаи илмии Гадоев М.А. аз рӯи мубрамият, навоварии илмӣ, ҳаҷми тадқиқотҳои иҷрошуда, аҳамияти амалии натиҷаҳои ба дастомада тадқиқоти пешниҳодшуда ба талаботҳои фасли 3, бандҳои 31, 34-и «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ…», ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267 барои диссертатсияҳои номзадӣ тасдиқ гаштааст, мутобиқ буда, худи унвонҷӯ ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои тиб сазовор мебошад ва муаллифи он ба гирифтани дараҷаи илмии номзади илмҳои тиб аз руйи ихтисоси 14.01.10 - Бемориҳои пӯсту зуҳравӣ сазовор мебошад.

**Сардухтури МД «Беморхонаи**
**клиникии шаҳрии бемориҳои пӯст»-и**
**ш. Душанбе, н.и.т.** **Қосимзода А.М.**

10.06.с.2022